**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраи донишҷӯён, бинои таълими 7)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзуи "Танзими давлатии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна", ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Мавриди омӯзиши автореферат дар мавзуи "Танзими давлатии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна" аз он шаҳодат медиҳад, ки арзишмандӣ ва рӯзмаррагии мавзуи таҳқиқшуда, пеш аз ҳама дар таҳқиқи роҳҳои такмили механизми нишондиҳандаҳои низоми маъмурикунонии андоз дар вусъатёбии ҷамъоварии андоз ва иқтидори андоз ифода меёбад. Дар баробари ин автореферат аҳамияти илмию амалӣ дошта, мақолаҳои ба нашр расонидаи унвонҷӯ пурра мазмуни корро фаро гирифта, натиҷаҳои онро инъикос менамоянд

Нуктаи асосии тақвияти рушди субъектҳои соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ дар доираи низомҳои махсуси андозбандӣ бо дастгирии давлатии соҳибкории истеҳсолӣ омили муҳим баромад мекунад. Ҳолати мазкур, муайянкунандаи иқтидори иқтисодӣ ва тақвияти иқтидори нави буҷетии кишвар ба шумор меравад.

Дар самти мазкур барои ноил шудан ба натиҷаҳои ниҳоии дурнамо ҷараёни такмилдиҳии андоз дар доираи рақамикунонии фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ омили таъсирбахш мебошад.

Муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ масъалаи танзими давлатии рушди низоми андозбандии соҳибкории хурду миёнаро баррасӣ намуда, пешниҳод намудааст, ки ташаккули фишангҳои ҳамгироии фискалии бахшҳои воқеӣ зарурати таҳияи методикаҳои муайян намудани меъёрҳои андозиро дар бар мегиранд.

Ба андешаи диссертант тақвияти соҳибкории хурду миёна бо роҳи беҳтардонии раванди маъмурикунонии андоз, истифодаи хизматрасониҳои электронӣ, вусъат бахшидани ҷараёни рақамикунонии муносибатҳои андозбандӣ ҳамчун воситаҳои муҳим барои рушди соҳибкорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, васеъшавии манбаи андоз ва усутуворгардонии буҷет мебошад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар автореферат мазкур камбудиҳо низ ба назар мерасанд. Бояд қайд кард, ки муаллиф дар таълифи он заҳмати зиёдеро ба харҷ додааст, аммо баъзе норавшаниҳо, аз қабили хатогиҳои услубӣ ва парокандагии фикрӣ дар матнҳо ҷой доранд.

Эродҳо чунинанд, ки ба як қисми онҳо бояд таваҷҷуҳ зоҳир намоем:

1. Агар муаллиф таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро оид ба такмили низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна дар танзими андозӣ дар мисоли давлатҳои ИДМ шарҳ дода, ҷиҳатҳои мусбии онро муайян мекард, он гоҳ кори илмӣ боз ҳам хубтар мешуд.
2. Дар кори диссертатсионӣ муаллиф ба рушди андозбандии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати ҷиддӣ додааст, аммо оид ба рушди онҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ маълумоти мукаммал пешниҳод накардааст.

Дар маҷмӯъ камбудиҳои ҷойдошта наметавонад, ки арзиши илмии диссертатсияи номзадиро коҳиш диҳанд. Аз ин рӯ, диссертатсияи илмии Файзуллозода Бахтовар Сайфулло дар мавзуи «Танзими давлатии низоми андозбандии соҳибкории хурду миёна» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Файзуллозода Бахтовар Сайфулло сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда**
**профессори кафедраи**
**назарияи иқтисодии ДДҲБСТ,**
**д.и.и., профессор:** **Исмаилова М.М.**
**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Хуҷанд, мкр-н 17, бинои 1.**
**Почтаи эл. imm-46@mail.ru тел: +992 92 943 30 30)**

**Имзои Исмаилова М.М.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпоччоев И.Ҳ.**
23.05.2024